Пешниҳоди лоиҳа барои баррасӣ

Аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумаҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Шакли намунавии Шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ» таҳия гардида, он мувофиқи моддаи 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 28 феврали соли 2019, №02-388 барои баррасӣ ба вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ирсол карда шудааст.

Ҳамзамон лоиҳаи мазкур бо забони тоҷикию русӣ ва асосноккунии он дар гушаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ-лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии сомонаи Агентии хизмати давлатӣ (www.ahd.tj) ҷиҳати шиносоӣ, омӯзиш ва ирсоли эроду пешниҳодоти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо (новобаста аз тобеият) ва шаҳрвандон ҷойгир карда шудааст.

Хоҳишмандем, баррасӣ ва эроду пешниҳодоти худро ба Агентии хизмати давлатӣ тариқи хаттӣ ё тавассути сомонаи мазкур тариқи электронӣ ирсол намоед.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

190319

АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир-33, тел./факс: (99237) 2211249; 2248981; 2240274
Сомона: www.ahd.tj, почтаи электронӣ: 01-3@ahd.tj; info07-@ahd.tj

№ 02-388 аз «28» феврали соли 2019

Ба №__________ аз «____» ______________ соли 20__

Вазорату идораҳо,
мақомоти иҷроияи маҳаллии
ҳокимияти давлатӣ
(тибқи рӯйхат)

Мавзӯъ:Пешниҳоди лоиҳа барои мувофиқа

Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини мувофиқати Шакли намунавии шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ба талаботи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва моддаи 24 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили таркиби шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Шакли намунавии Шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ»-ро дар таҳрири нав таҳия карда, барои баррасӣ пешниҳод менамояд.

Хоҳишмандем хулосаи худро дар мӯҳлатҳои муқарраргардида ба Агентии хизмати давлатӣ иешниҳод намоед.

Замима: Лоиҳаҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо замимаи Шакли намунавии шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва асосноккунии лоиҳа дар 16 саҳифа.

Бо эҳтиром,
директори Агентӣ Ҷ.Давлатов

Иҷр: Толибов Р.Ғ.
Тел: 224-08-79

Лоиҳа

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҚАРОР

**Дар бораи Шакли намунавии Шартномаи (карордоди) меҳнатӣ**
090.020.050

Мувофиқи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва моддаи 24 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1.Шакли намунавии Шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар асоси Шакли намунавии Шартномаи (қарордоди) меҳнатии мазкур шартномаҳои (қарордодҳои) меҳнатии кормандони худро таҳия ва тасдиқ намоянд.

3. Ташкилотҳои давлатӣ бо мақсади таъмини ягонагии ҳуҷҷатгузорӣ дар таҳия ва тасдиқи шартномаҳои (қарордоди) меҳнатии кормандони худ Шакли намунавии Шартномаи (қарордоди) меҳнатии мазкурро ба роҳбарӣ гиранд.

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2007, №633 «Дар бораи Намунаи шартномаи (қарордоди) меҳнатии қабул ба хизмати давлатӣ» аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Лоиҳа

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «____»_____ соли 20____,
№___ тасдиқ шудааст

### Шакли намунавии
### Шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ

______________________________________________

______________________________________________
(номи мақомоти/ташкилоти давлатӣ)

дар шахси ______________________________________
(мансаби роҳбари мақомоти/ташкилоти давлатӣ)

______________________________________________
(насаб, ном ва номи падари роҳбари мақомоти/ташкилоти давлатӣ, ки ҳуқуқи бо корманд бастан ва катъ намудани

______________________________________________
шартномаи меҳнатиро доранд)

(минбаъд - корфармо) аз як тараф ва шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ______________________________
(насаб, ном, номи падар, рақам ва ҷойи дода шудани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият)

______________________________________________
(суроғаи ҷойи истиқомати доимӣ ва рақами мушаххаси андозсупоранда-хизматчии давлатӣ/хизматчии

______________________________________________
гражданӣ (хайати техникӣ ва хизматрасон)

(минбаъд -корманд) аз тарафи дигар, Шартномаи (қарордоди) меҳнатии (минбаъд-Шартномаи меҳнатӣ) мазкурро бо шарту шароитҳои зерин бастанд:

1.______________________________________________
(насаб, ном, номи падари корманд)

ба мансаби______________________________________
(номи пурраи мансаби ишғолнамуда)

______________________________________________
(номи воҳиди сохтории корфармо)

аз «____» __________соли _____ таъин карда шудааст.

2. Муҳлати амали Шартномаи меҳнатӣ

Ин Шартномаи меҳнатӣ ба муҳлати зерин баста мешавад:

-ба муҳлати ______________________________________,
(муайян/номуайян-яке нишон дода шавад)

______________________________________________

(санаи огоз ва ба охир расидани мухлати шартномаи (карордоди) меҳнатии мухлаташ муайян)

______________________________________________

(асосҳои ба мухлати муайян бастани шартномаи (карордоди) меҳнатӣ)

-ба муҳлати иҷрои кори муайян______________________

(мухтавои кори иҷрошаванда)

______________________________________________

3. Низом ва реҷаи вақти корӣ

Барои корманд низом ва реҷаи вақти кори зерин муқаррар карда мешавад:

-ҳафтаи ______________корӣ бо давомнокии________

(панҷрӯза/ шашрӯза-яке нишон дода шавад)

соати корӣ бо ______ рӯзи истироҳат

(ду ё як)

-ҳафтаи нопурраи корӣ ______________________

-рӯзи нопурраи корӣ ______________________

-вақти оғози кор ______________________

-вақти анҷоми кор ______________________

4. Вақти истироҳат

Ба корманд:

-танаффусҳо дар давоми рӯзи корӣ аз соати______________ то соати__________ барои______________________

-дигар танаффусҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ______________________________________________ ______________________________ дода мешавад.

5.Давомнокии рухсатии меҳнатӣ ва дигар намуди рухсатиҳо

Ба корманд:

-ба мухлати ______ рӯзи тақвимӣ рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда;

-ба муҳлати ______ рӯзи тақвимӣ рухсатии иловагии ҳарсолаи пардохтшаванда;

-ба муҳлати ______ рӯзи тақвимӣ рухсатии иловагии пардохтшавандаи ҳарсола барои кор дар шароитҳои махсуси табиию иқлимӣ;

-ҷамъ ба муҳлати ____ рӯзи тақвимӣ рухсатии ҳарсолаи пардохтшавандаи меҳнатӣ дода мешавад.

Дигар намудҳои рухсатиҳо (рухсатиҳои иҷтимоӣ барои хомиладорӣ ва таваллуд, барои нигоҳубини кӯдак, барои таҳсил, рухсатии эҷодӣ, рухсатии бемузди меҳнат, рухсатии муваққатии бемузд ё қисман музднок) тибқи асосҳои қонунгузории хизмати давлатӣ ва меҳнат дода мешаванд.



6. Андозаи музди меҳнат ва дигар шартҳои пардохти музди меҳнат

Ба корманд барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ пардохт карда мешаванд:

-маоши мансабӣ ______________________сомонӣ;

(бо рақам ва ҳарфҳо навишта мешавад)

-дигар иловапулиҳо (дар сурати ба онҳо ҳуқуқ доштани корманд)______________________ сомонӣ.

(бо рақам ва ҳарфҳо навишта мешавад)

Музди меҳнати моҳонаи корманд на дертар аз рӯзи______________________ давраи моҳи баъди моҳи корӣ бо

(бо рақам ва ҳарфҳо навишта мешавад)

роҳи гузаронидан ба кортҳои бонкӣ на камтар аз як маротиба дар як моҳ пардохта мешавад.

Ба корманд барои иҷрои уҳдадориҳои иловагӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иловапулӣ дар ҳаҷми ______________ пардохта

(бо рақам ва ҳарфҳо навишта мешавад)

мешавад.

7. Ҳуқуқҳои корманд

Корманд ҳуқуқ дорад:

-Шартномаи меҳнатиро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир диҳад ё бекор намояд;

-музди меҳнат, аз ҷумла мукофотпулӣ, кумакпулӣ, иловапулӣ, ҷубронпулӣ, изофапулӣ ва дигар кафолатҳои пешбининамудаи қонунгузориро сари вақт ва дар ҳаҷми пурра гирад;

-барои зарари ба саломатӣ ва молу мулкаш бинобар иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ расонидашуда ҷубронпулӣ гирад;

-аз дигар ҳуқуқҳо, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, истифода намояд.

8. Уҳдадориҳои корманд

Корманд уҳдадор аст:

-талаботи Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба уҳдадориҳои мансабӣ алоқаманд мебошанд, риоя ва таъмин намояд;

-ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони ҳуқуқиро риоя, ҳифз ва эҳтиром намояд;

-агар манфиати шахсии хизматчии давлатӣ барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ монеа гардад, ё ба манфиати давлатӣ мухолифат кунад ва ё боиси дигар ҳолатҳои бархӯрди манфиатҳо гардад, бояд ба роҳбари мақомоти давлатӣ, ки барои таъин намудан ба мансаб ва озод намудани ӯ аз мансаб салоҳият дорад, хабар диҳад;

-аз рӯзи гирифтани иттилооти расмӣ дар бораи қатъ намудани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё соҳиб шудан ба шаҳрвандии давлати

дигар ба роҳбари мақоми давлатӣ, ки ҳуқуқи ба мансаб таъин ва аз мансаб озод намуданро дорад, хабар диҳад;

-сатҳи касбӣ ва тахассусии худро барои иҷрои самараноки уҳдадориҳои мансабӣ баланд бардорад;

-сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонунҳо ҳифзшавандаро, аз ҷумла баъди қатъи хизмати давлатӣ дар давоми муҳлати муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нигоҳ дорад;

-монеа ва маҳдудиятҳои пешбининамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намояд;

-эъломиякунонии даромадҳо ва вазъи молумулкии худро бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» амалӣ намояд;

-қарорҳо, фармоишҳо, амрҳо ва дастурҳои мақомоти болоӣ ва шахсони мансабдорро, ки дар доираи ваколати онҳо қабул карда шудаанд, иҷро намояд;

-талаботи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя кунад;

-Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии корфарморо риоя намояд.

-интизоми меҳнатӣ (хизматӣ)-ро риоя намояд;

-молумулки ба иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашударо мақсаднок истифода карда, ҳифз намояд;

-Шартномаи меҳнатии мазкурро, ки фаъолияти меҳнатии (хизматии) ӯро ба танзим медарорад, иҷро кунад.

9. Ҳуқуқҳои корфармо

Корфармо ҳуқуқ дорад:

-Шартномаи меҳнатиро бо корманд тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бандад, тағйир диҳад ва бекор намояд;

-аз корманд иҷро намудани уҳдадориҳои мансабӣ, риояи қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ва муносибати эҳтиёткорона ба моликияти ба ӯ боваркардашударо талаб намояд;

-дар давраи амали ин Шартномаи меҳнатӣ кормандро бо кафолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд;

-кормандро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба ҷавобгарии интизомӣ ва моддӣ кашад;

- кормандро барои хизмати поквиҷдонона ва самаранок ҳавасманд намояд;

- аз дигар ҳуқуқҳое, ки қонунгузорӣ муқаррар намудааст, истифода намояд.

10. Уҳдадориҳои корфармо

Корфармо уҳдадор аст:

-шарт ва талаботи ин Шартномаи меҳнатиро иҷро намояд;

4

-кормандро бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, аз ҷумла санадҳои меъёрии дохилии (локалии) корфармо шинос намояд;

-ба корманд шароити кор, бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, хизматрасонии санитарию маишӣ ва тиббии кормандро, ки барои иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ заруранд, таъмин намояд;

-сари вақт ва дар ҳаҷми пурра пардохт намудани музди меҳнат, аз ҷумла мукофотпулӣ, кумакпулӣ, иловапулӣ, ҷубронпулӣ ва изофапулии пешбининамудаи қонунгузориро таъмин намояд;

-кормандро оид ба ҳолатҳое, ки барои иҷрои Шартномаи меҳнатии мазкур таъсир мерасонанд, хабардор намояд;

-барои ҳимоя ва таъмини амнияти фаъолияти корманд мусоидат намояд;

-тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ оқибатҳои зарари ба корманд зимни иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ, аз ҷумла зарари ба саломатӣ, молу мулк ва зарари маънавӣ расонидашударо ҷуброн намояд;

-дигар уҳдадориҳоеро, ки қонунгузорӣ муқаррар намудааст, иҷро намояд.

11. Дигар шартҳои Шартномаи меҳнатӣ, ки ба хусусияти хоси хизматӣ (корӣ) алоқаманд аст

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

____________________________________________________________

___________________________________________________________.

12. Тартиби тағйир додан ва қатъ намудани Шартномаи меҳнатӣ

Шартҳои ин Шартномаи меҳнатӣ дар асоси розигии тарафҳо бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тағйир дода шуда, амали Шартномаи меҳнатӣ қатъ карда мешавад.

Баҳсҳои тарафҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ҳал карда мешаванд.

13. Ҷавобгарии тарафҳо

Тарафҳои Шартномаи мазкур мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

14. Санаи бастан ва рақами тартибии Шартномаи меҳнатӣ

Ин Шартномаи меҳнатӣ дар ду нусха бо забони давлатӣ таҳия, аз тарафи корфармо имзо ва бо мӯҳр тасдиқ ва аз тарафи корманд имзо

карда шуда, як нусха ба корманд дода шуда, нусхаи дигар дар парвандаи шахсии корманд дар хадамоти кадрии корфармо нигоҳ дошта мешавад.

| | |
|---|---|
| (корфармо) | (насаб. ном. номи падар) |
| (мансаби роҳбар) | (мансаби корманд) |
| (имзо, ному насаби роҳбар) | (имзо) |
| (санаи имзо) | (санаи имзо) |

№ ______________________

(рақами тартибии бастани шартномаҳои меҳнатӣ)

Ҷ. М.